**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Далатов Бахтиёр Саидакбарович бешубҳа мубрам буда, он ҷавобгӯи шароити кунунии тараққиёт ва рушди ҷомеа мебошад. Солҳои охир дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир карда мешавад. Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, инчунин намудҳои гуногуни он аҳаммияти махсус дода шуда, ҳамзамон, ба хатари ҷамъиятии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ баҳои воқеӣ дода намешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳои марбут ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ба таври ҷиддӣ масъалаҳоеро ба миён меоранд, ки ба амнияти кишвар, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолати иҷтимоӣ халал расонида, онҳо ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонанд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Давлатов Бахтиёр Саидакбарович бисёр мубрам мебошад. Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ фаро гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳамияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, аз ҷумла категорияҳои фалсафии мафҳум, мақсад, низом ва моҳият тавассути

усулҳои таҳқиқи диалектикӣ ва материалистӣ муайян карда шудаанд. Илова бар он, дар рафти таҳқиқоти илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода гардидаанд. Аз ҷумла, дар рафти таҳлили мавзуи мазкур маълумотҳои оморӣ бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таҳлилии муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дода шуда, қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар муқоиса бо қонунгузориҳои дигар давлатҳои хориҷӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Муаллиф дар асоси равиши низомнок таҳлили ҳамаҷониба зикр мекунад, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғарази шахсӣ дар ин самт содир мешаванд ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзе мавридҳо ба андозсупоранда расонида мешавад. Низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз аз рӯйи объекти онҳо ба се гурӯҳи ҷиноятҳои нисбатан якхела, вале мустақил тақсим мешаванд: ҷиноятҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо; дигар ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд; ҷиноятҳо дар соҳаи сиёсати андоз.Таҳлили автореферати диссертатсияи Давлатов Б.С. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар асоси қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ шудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

Дар автореферат ба масъалаи субъекти ҷиноят диққати махсус дода шудааст, аммо масъалаи худи шахсони ҳуқуқӣ чун субъекти ҷиноят, гарчанде ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ (м.22) ба ҳайси субъекти ҷиноят танҳо шахсони воқеиро муқаррар мекунад, тамоман баррасӣ нашудааст. Дар қонунгузории ҷиноятии якчанд давлатҳои хориҷӣ шахсони ҳуқуқӣ субъекти мустақили ҷиноят эътироф шудаанд. Хуб мешуд, ки дар мазкур ин масъала мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

Ақидаи мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо аз он далолат медиҳад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим ва мураккабу баҳсталаб мебошанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Давлатов Бахтиёр Саидакбарович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, Ректори Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғафурзода А.Д.**

**Имзои Ғафурзода А.Д.- ро тасдиқ мекунам:**
**Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсус** **Ҳамидов Ш.**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе кучаи. Саид Носир, 33
ТЕЛЕФОН+992 (37) 224-17-86
ФАКС(37) 224-17-86
EMAIL:info@apa.tj

«16» январи 2023 сол.